ХУЛОСАИ
КОМИССИЯИ ТАШХИСИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Ҳайётзода Қурбонали Эмомудин дар мавзуи «Омӯзиши усулҳои муосири барномасозӣ бо татбиқи технологияҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилотикасбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. - Назария ва технологияи таълими информатика)

Комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Ҳайётзода Қурбонали Эмомудин дар мавзуи «Омӯзиши усулҳои муосири барномасозӣ бо татбиқи технологияҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилотикасбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. - Назария ва технологияи таълими информатика) дар ҳайати зерин тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 14-уми марти соли 2026 протоколи №1 интихоб карда шуданд:

1. **Назаров А.П.** - доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика ва информатика), профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - раиси комиссия;

2. **Мавлоназаров С.С.** - узви шуро, номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилотикасбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. - Назария ва технологияи таълими информатика) - аъзои комиссия;

3. **Ҳабибуллозода К.Ҳ.** - номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқи (информатика, таҳсилоти касбӣ), муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети технологияи рақамӣ ва ҳифзи иттилооти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав - аъзои комиссия;

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсиониро мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор дода, ба хулосае омад, ки самти таҳқиқот ба масъалаҳои назариявӣ ва методикии таълими информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пурра мувофиқат мекунад. Дар таҳқиқот ҷанбаҳои такмили мазмун, усул ва технологияҳои омӯзиши барномасозӣ бо истифода аз

имкониятҳои технологияҳои мобилӣ баррасӣ шуда, мубрамии илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада асоснок гардидаанд.

Таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза, ки он татбиқи технологияҳои мобилӣ дар раванди таълим мебошад, бахшида шудааст. Ҷорӣ намудани технологияҳои мобилӣ дар раванди омӯзиши забонҳои барномасозии сатҳи олӣ ва истифодаи усулҳои муосир дар муассисаҳои таълимӣ, яке аз масъалаҳои мубрам мебошад, ки барои ҳамаи донишҷӯён ва омӯзгорон аҳаммияти хосса дорад. Масалан, бо татбиқи технологияи мобилӣ донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки дар дилхоҳ вақт ва дилхоҳ ҷой бо истифода аз телефонҳои мобилӣ, планшетҳо ва ё дигар дастгоҳҳое, ки таҳти системаҳои амалиётии *Android, iOS, HarmonyOS, KaiOS, Windows 10 Mobile* ва ғайра фаъолият мекунанд, таҳсил намоянд. Ин ҳолат барои шароити имрӯза муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва самти таҳқиқот ба талаботи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика) пурра мутобиқ буда, ба масъалаҳои назариявӣ ва методии таълими фанни информатика дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ иртиботи мустақим дорад. Дар доираи таҳқиқот усулҳои муосири барномасозӣ ҳамчун ҷузъи муҳими фанҳои дақиқ баррасӣ гардида, татбиқи технологияҳои мобилӣ ҳамчун воситаи инноватсионии таълим ба такмили методикаи омӯзиши барномасозӣ равона гардидааст.

Ҳадафи таҳқиқот аз таҳия ва татбиқи омӯзиши усулҳои муосири барномасозӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат мебошад. Ҳадафи мазкур имконият медиҳад, ки усулҳои муосири омӯзиши забонҳои барномасозии сатҳи олӣ бо татбиқи технологияҳои мобилӣ роҳандозӣ карда шаванд ва бо истифодаи онҳо сатҳи дониш, малакаи касбӣ ва салоҳиятнокии донишҷӯён баланд бардошта шуда, кадрҳои ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй омода карда шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи ҳадафҳои мавзуи интихобшуда амалӣ гардидаанд, ки онҳо аз методологияи таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, таҳлили маълумотҳо, амсилаҳои консептуалӣ, амсилаҳои компютерӣ, озмоишҳои педагогӣ (дар гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ), воситаҳои ҷамъоварии маълумот, усулҳои муосири таҳлилҳои оморӣ, хулосабарориҳо ва тавсияҳои методӣ иборат мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда, ки онҳо дар раванди баррасии дақиқи тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ба даст омадаанд, дар омодасозии кадрҳои дорои маҳорати касбии барномасозӣ нақши созгорро мебозанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 20 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар нашрияҳои дигар ва 7 мақолаю фишурдамақола маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ташкил медиҳанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳайётзода Қурбонали Эмомудинро дар мавзуи «Омӯзиши усулҳои муосири барномасозӣ бо татбиқи технологияҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилотикасбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. - Назария ва технологияи таълими информатика) баррасӣ намуда, чунин қарор қабул кард.

ҚАРОРИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ:

1. Диссертатсияи Ҳайётзода Қурбоналӣ Эмомудин дар мавзуи «Омӯзиши усулҳои муосири барномасозӣ бо татбиқи технологияҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилотикасбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. - Назария ва технологияи таълими информатика) мутобиқ ба талаботи банди 53-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021; таҳти №267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст.

2. Диссертатсияи Ҳайётзода Қурбоналӣ Эмомудин дар мавзуи «Омӯзиши усулҳои муосири барномасозӣ бо татбиқи технологияҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилотикасбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. - Назария ва технологияи таълими информатика) ба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Комиссияи экспертӣ ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣро** пешниҳод мекунад.

Пешниҳод мегардад, ки ба сифати муқарризони расмии диссертатсия олимони зерини соҳа интихоб карда шаванд: **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе ва **Назарзода Рустам Саидмурод** - номзади илмҳои педагогӣ, сардори идораи корҳои илмӣ-татбиқотӣ, и.в. дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
д.и.п., профессор Назаров А.П.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
н.и.п., дотсент Мавлоназаров С.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ: н.и.п. Ҳабибуллозода К.Ҳ.

Имзоҳои Назаров А.П., Мавлоназаров С.С. ва Ҳабибуллозода К.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва КМ ДДБ
ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.